## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022

Дар интиҳои нимсолаи якуми соли 2022 дар бозори суғуртаи кишвар дар маҷмуъ 18 адад ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) фаъолият намуданд, ки аз ин теъдод 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 17 ададро ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) ғайридавлатӣ ташкил доданд. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар муқоиса ба нимсолаи якуми соли 2021 ба як адад кам шуд, ки он вобаста ба барҳам хӯрдани КВДС “Тоҷиксармоягузор” тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2022, №301 ба миён омадааст. Шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ бошад, дар давраи баррасишаванда 72 ададро ташкил дод, ки нисбат ба нимсолаи якуми соли қаблӣ ба 1 адад зиёд мебошад.

***Ҷадвали 1. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғураткунӣ) ва филиалҳои онҳо дар нимсолаи якуми соли 2022***

*(бо адад)*

| | *1/2021* | *1/2022* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **19** | **18** | **-1** |
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 1 | -1 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 17 | 17 | 0 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 71 | 72 | 1 |

**Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2022 ба 575,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 63,0 млн. сомонӣ (12,3 фоиз) зиёд мебошад. Афзоиш ёфтани онҳо асосан аз ҳисоби зиёд гардидани дороиҳои ҶСП “ТС”Суғуртаи аввалини миллӣ”

–17,4 фоиз, ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" –3,1 маротиба, ҶДММ "ТС Бима" –39,4 фоиз, ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" - 5,3 фоиз, ба амал омадааст.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи баррасишаванда ба **2,1 фоиз** баробар шуда, **нисбат ба ММД 0,5 фоизро** ташкил намуд.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022***




Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) кишвар 216,6 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 10,1 млн. сомонӣ (4,9 фоиз) зиёд мебошад.

***Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022***



**Маблағҳои худии (сармояи)** [1] **низоми суғуртаи кишвар** дар нимсолаи якуми соли 2022 ба 358,7 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 53,0 млн. сомонӣ (17,3 фоиз) зиёд гардидааст, ки аз он сармояи (фонди) оинномавӣ ба санаи 30 июни соли 2022 279,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба мабалағи 47,0 млн. сомонӣ ё 20,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии зиёд гардидани сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғураткунии) кишвар аз ҷониби аксарияти онҳо таъмин гардидани иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азанвсуғуртакунӣ)” ва риоя гардидани меъёрҳои мақбули Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, ки барои ташкилотҳои суғуратвӣ (азнавсуғуртакунӣ) муқаррар карда шудаанд.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022*




**Теъдоди умумии шартномаҳои басташуда** дар моҳҳои январ - июни соли ҷорӣ ба 910,4 ҳазор адад баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2021 ба миқдори 11,4 ҳазор адад (1,2 фоиз) коҳиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки чунин ҳолат дар давраҳои ҳисоботӣ муқаррарӣ буда, дар ҷамъбасти сол метавонад мусбат ҷамъбаст гардад, зеро қисми зиёди шартномаҳо аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ дар охири сол баста мешаванд.

---

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

*Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022*




**Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2022 маблағи 166,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 1,5 млн. сомонӣ (0,9 фоиз) кам гардидааст. Коҳишёбии мазкур асосан бо сабаби дар давоми нимсолаи якуми соли 2022 барҳам хӯрдани КВДС "Тоҷиксармоягузор" ва ғайрисамаранок фаъолият намудани ҶСП "ТС Кафил" ва ҶДММ "ТС Такаффул" ба миён омадааст.

*Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022*




Дар нимсолаи якуми соли 2022 мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)[2] аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 620,5 ҳазор сомонӣ ва 31,5 млн. сомониро ташкил намуд, ки суғуртаи ҳатмии давлатӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба

[2] Ҳаҷми воридоти умумии мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавӣ аз рӯи шаклҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ ҷудо мешавад. Таҳлилҳои оморӣ исбот менамоянд, ки ҳиссаи бештари воридоти мукофоти суғуртавӣ ба суғуртаи ихтиёрӣ рост меояд.

андозаи 115,4 ҳазор сомонӣ (15,7 фоиз) кам гардида, суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба андозаи 3,1 млн. сомонӣ (10,9 фоиз) зиёд шудааст.

Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ бошад, дар ин давра ба 134,2 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 80,6 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи ин шакли суғурта дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 4,5 млн. сомонӣ (3,2 фоиз) коҳиш ёфтааст.

Дар даври ҳисоботӣ ҳиссаи мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳодисаҳои нохуш – 6,9 фоиз, суғуртаи ихтиёрии нақлиёти автомобилӣ – 19,7 фоиз, суғуртаи ихтиёрӣ аз дигар талафоти молиявӣ – 10,6 фоиз ва суғуртаи ихтиёрии корҳои сохтмону васлкунӣ – 30,6 фоизро ташкил дод.

***Диаграммаи 7. Тағйирёбии мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022***




**Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2022 маблағи 87,8 млрд. сомониро ташкил додаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 654,3 млн. сомонӣ (0,8 фоиз) зиёд мебошад.

Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар нимсолаи якуми соли 2022 маблағи 63,3 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,7 млрд. сомонӣ (12,1 фоиз) камтар мебошад.

*Диаграммаи8. Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2021 ва нимсолаи якуми 2022*




*Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2017-2021 ва нимсолаи якуми 2022*




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** бошад[3], дар давраи баррасишаванда ба 51,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 16,0 млн. сомонӣ (23,5 фоиз) кам мебошад.

**Захираҳои суғуртавӣ** дар охири нимсолаи якуми соли ҷорӣ 160,0 млн. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3 млн. сомонӣ (3,8 фоиз) кам мебошанд.

Яке аз сабабҳои коҳишёбӣ дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби бархе аз ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бештар амалӣ шудани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ мебошад.

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар нимсолаи якуми соли 2022 тамоюли афзоишёбиро ба худ касб намуда, дар натиҷаи ҳодисаҳои суғуртавии рухдода аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба маблағи 10,0 млн. сомонӣ пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ анҷом дода шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,4 млн. сомонӣ (30,4 фоиз) зиёд мебошанд. Алалхусус, дар ин давра аз рӯи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ аз ҳодисаҳои нохуш – 2,7 млн. сомонӣ (27,0 фоиз), суғуртаи ихтиёрии тиббӣ – 1,4 млн. сомонӣ (14,0 фоиз), суғуртаи ихтиёрии нақлиёти автомобилӣ – 1,7 млн. сомонӣ (17,0 фоиз), суғуртаи ихтиёрии биноҳо - 2,0 млн. сомонӣ (20,0 фоиз) пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ амалӣ шуданд.

*Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022*




*Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2021 ва нимсолаи якуми соли 2022*




**Ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар низоми бонкии кишвар дар нимсолаи якуми соли 2022 39,5 млн. сомониро ташкил дод ва ин маблағҳо барои сармоягузорӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар мусоидат менамоянд.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар нимсолаи якуми соли 2022 ба 56,9 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 5,7 млн. сомонӣ (11,0 фоиз) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои даромаднокии дороиҳо дар низоми суғуртаи кишвар (ROA) дар нимсолаи якуми соли 2022 ба ҳисоби миёна 4,4 фоизро ташкил дода, нишондиҳандаи даромаднокӣ аз рӯи маблағҳои худӣ (сармоя) (ROE) бошад, ба 7,4 фоиз баробар гардид.

